# БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Маводди ба маҷалла пешниҳодшаванда бояд аз лиҳози илмию методӣ, мазмуну мантиқ пухта, ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқ ва пеш аз ин дар нашрияҳои чопию электронӣ ба табъ нарасида бошад (агар айнан ё бо тафовуте чоп шуда бошад, бояд муаллиф аз ин идораи маҷалларо огоҳ созад). Баъди чопи мавод дар маҷалла нашри он дар нашрияҳои дигар ҷоиз аст.

Ғоя ва мазмуни маводди ба маҷалла пешниҳодшавандаро бояд асосан инъикоси хусусияту афзалиятҳои ИМД, бартариҳои низоми тестӣ аз равишҳои куҳнаи имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ, комёбиҳои Маркази миллии тестӣ дар ҳама ҷанбаҳои фаъолияташ, шинос гардонидани довталабону алоқамандони ИМД бо низоми имтиҳоноти тестӣ (имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ) ва кори Маркази миллии тестӣ, бозгӯ кардани навгониҳои падидомада вобаста ба он, ҷиҳатҳои омӯзандаи низоми тестии донишгоҳу донишкадаҳо, афзун гардонидани маърифати илмии ҷомеа, бахусус омӯзгорон ва кормандони дигари соҳаи илму маориф, нишон додани роҳи ҳалли мушкилоти мавҷуда дар ин самт, таҷрибаи ибратбахши педагогӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар зинаҳои гуногуни таълим ва амсоли инҳо ташкил намояд.

Зимни таҳияву таснифи мақола ба назар гирифтани нуктаҳои зерин аҳаммияти матлабҳоро хоҳад афзуд: 1) нишон додани мушкилоти ҷойдошта ва аҳаммияти ҳалли онҳо; 2) дар қисми асосии мақола – баррасии масъала бо қиёсу муқобала, таҳлил, мисолу намунаоварӣ аз рӯйи пажӯҳишҳо ва асоснок кардани ақидаи худ бо такя ба назари мутахассисони соҳа, манзур кардани аҳаммият, бартариҳои усулу воситаҳои ироашаванда ва пешниҳодҳо вобаста ба он; 3) хулоса (ҷамъбасти матлаб, нишон додани роҳи ҳалли масъала ва хулосабарорӣ). Овардани маълумоти умумӣ ва омории барои хонанда камаҳаммият ё маълум зарурат надорад.

**Талабот нисбат ба мазмуну мундариҷаи мақолаҳо**

Мақолаҳое барои чоп қабул ва баррасӣ карда мешаванд, ки аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи зер ҷавобгӯй бошанд:

- ✓ мақолаҳои илмӣ. Дар қисми муқаддимавии мақола аҳаммиятнокӣ ва мубрам будани мавзӯъ ё масъала ва зарурати ҳал ва баррасии он (мувофиқи мақсад будани он) бояд асоснок карда шавад. Дар қисми асосӣ масъалаи баррасишаванда бояд кушода ва роҳҳои

ҳалли он нишон дода шуда, бо далелҳои пешниҳодшуда тақвият дода шавад. Дар хулосаи мақола масъала натиҷагирӣ ва ҷамъбаст гардида, пешниҳодҳо барои ҳалли мушкилот мушаххасан ироа ва усули имконпазири таҳқиқ масъалаҳо барои оянда қайд карда шавад;

✓ мақолаҳои методӣ (амалӣ). Намунаи кор (машғулият, санҷишу имтиҳон, озмоиш, пурсиш, дарс) тасвир гардида, ҷиҳатҳои ибратбахшу намунавии он бояд шарҳу тафсил ёбанд;

✓ мақолаҳои назариявӣ (иттилоотӣ). Дар мақола масъала ё мавзӯи илмию маърифатӣ аз тариқи муқоисаю мисоловарӣ таҳлил ва ҷиҳатҳои муҳимми масъала (кор, падида, воқеа) бояд бозгӯ шаванд. Аҳаммиятнок будани мавзӯъ ва нуқтаи назари муаллиф, дорои ҷанбаи таҳлилилию хулосабарорӣ ва натиҷагирию ҷамъбастӣ буданаш муҳим аст.

**Талабот нисбат ба тарҳу ороиши мақолаҳо**

Маълумот оид ба муаллиф номбар карда мешавад: дар саҳифаи аввал ному насаби муаллифон, мамлакат (барои муаллифони хориҷӣ), вазифа ва ҷойи кор, дараҷа ва унвони илмӣ, нишонии почтаи электронӣ, рақами телефони ҳамроҳ.

Мавод аз рӯйи мазмуну муҳтавояш бояд номгузорӣ шуда бошад. Номи мақола аз боло дар мобайн, зермавзӯъ дар зери он бо ҳуруфи хурдтар ва эпиграф аз тарафи рост бо ҳуруфи сиёҳ нишон дода мешавад.

Акси муаллифон ҳам дар дохили мавод (дар саҳифаи якум баробари ному насаб) ва ҳам дар файли алоҳида (дар қолаби **JPEG, TIF** ё **BMP** бо овардани номашон зери он) пешниҳод карда мешавад.

Номи мақолаю расму ҷадвалҳо ба ҳадди имкон бояд кӯтоҳ бошад.

Аз ихтисораҳо ва калимаю таъбирҳои ғайримаъмулу номафҳум то ҳадди имкон набояд ба кор бурд. Агар истифодаи онҳо ногузир бошад, шарҳу тафсирашон зарур аст.

Мақолаҳо (бо фарогирии рӯйхати адабиёт, расму ҷадвалҳо) бояд дар ҳаҷми 3-10 саҳифа (дар ҳолатҳои истисноӣ бо тақозои мавзӯъ – то 12 саҳифа) дар андозаи А4 бо ҳуруфи *Times New Roman (Times New Roman Tj* не, балки *Times New Roman)* – 14, бе рақамгузории саҳифаҳо навишта шаванд. Ҳошияҳо аз ҳама тараф – 2; фосилаи байни сатрҳо – 1,15; сарсатр (абзатс) – 1, 25.

Матнҳо бояд бе фосилагузории маҷбурӣ ҳуруфчинӣ шаванд; калимаҳо танҳо бо як фосила аз ҳам ҷудо гарданд; барои баробаркунии мавқеи матну ҷумлаҳо аз фосила истифода карда нашавад, балки аз имкониятҳои барои ин кор пешбиникардаи MS Word истифода карда шавад; нақшаю ҷадвалҳо ба қадри имкон кӯтоҳ, мушаххас ва бе такрорҳои ноҷо оварда шаванд.

Ҷадвалу накшаю расму тасвирҳо бояд мукаммал ва дар саҳифаи алоҳида бошанд, ҳудуди онҳо бо мушаххасот (параметр)-и муайяншуда барои матн мувофиқат кунанд. Формулаю муодилаҳо дар доираи мушаххасоти мавҷудаи барномаи MS Word 2013 навишта, расмҳо дар шакли муттаҳидшуда (дар як объект ҷамъшуда) пешниҳод гарданд. Ҷадвалу расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Агар зарур набошад, намуди албомии саҳифаеро, ки расму ҷадвалҳоро дорад, ба кор набурдан беҳтар аст. Дар ҳолати истифодаи барномаҳои ғайримаъмулӣ, ки ба *Microsoft Office* мувофиқ набошанд, номи онҳоро зикр бояд кард.

Дар мавод матнҳо дар шакли фрагмент (порча, фикра) набояд ҷой дода шаванд.

Барои таъкиди маъно калимаю ҷумлаҳоро бо ҳуруфи сиёҳ ё хамида ҷудо кардан беҳтар аст. Бо салоҳдиди муаллиф шарҳи мухтасари матлаб (аннотатсия) то 150 калима)) ва вожаҳои калидиро (на бештар аз 10-то) бо забонҳои тоҷикию русӣ додан беҳтар аст (дар саҳифаи охир). Иқтибос ва маъхазҳои истифодашуда дар дохили матн (дар қавсайни мураббаъ) тибқи талаботи библиографӣ ишора шуда, дар охири мақолаҳо рӯйхати адабиёт аз рӯйи алифбо (то 15-то) нишон дода мешавад. Шарҳу тавзеҳот дар намуди поварақ дар ҳар сафҳа (бо афзудани шумораи тартибии онҳо ба тарзи худкор то охири мақола) бояд нишон дода шавад. Ҳангоми истифода аз мақолаю матлабҳои дигар нишон додани маъхази онҳо ҳатмист.

Барои дурустии ҳама арқому далел ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон ҷавобгаранд. Идораи маҷалла метавонад дар доираи салоҳияташ матолиби қабулшударо таҳриру мухтасар кунад ва тағйир диҳад (бидуни халалдор кардани мазмуни навиштаҳо). Маводди хому ба меъёрҳои забони тоҷикӣ ва талаботи муқарраршуда номувофиқ қабул карда намешавад ва ё бидуни баррасӣ (бе таҳриру ислоҳот), дар бойгонии маҷалла нигоҳ дошта мешавад.

Чопи мақолаҳо дар маҷаллаи “Довталаб” **ройгон** аст.

**Шакли электронии мақолаҳо ба ин нишонӣ фиристода шавад:** safi-2003@mail.ru ё abdubosit.nuraliev@ntc.tj. **Шакли чопии мақолаҳо бо ҳуруфи андозааш 14, фосилаи байни сатрҳо 1,5, бо шуморагузории саҳифаҳо, имзои муаллиф ва нишон додани таърихи супоридани мавод қабул карда мешавад.**